# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи “Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ”, бароидарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ шоир ва мутафаккири тавонои асри XV бо эҷодиёти бою рангин на танҳо дар раванди инкишофи адабиёт ва афкори адабии даврони худ ҳиссаи арзанда гузоштааст, балки дар ҷараёни минбаъдаи таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ ва халқҳои Шарқ низ таъсири бузург дорад. Аз Мавлоно Ҷомӣ се девони ашъор бо номҳои «Фотиҳат-уш-шубоб», «Воситат-ул-иқд» ва «Хотимат-ул-ҳаёт» дар нусхаҳои зиёд ва комил то рӯзгори мо расидаанд. Девонҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва мундариҷа як хел нестанд ва аз миёни ин девонҳо девони аввал на танҳо аз нигоҳи ҳаҷм, балки аз назари арзиши бадеӣ авлотар аст. Девони аввал - «Фотиҳат-уш-шубоб» дар имтидоди шашсад соли ахир бештар ба таври мунтахабу мухтасар нусхабардорӣ шудааст ва ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ асосан дар ин се девон фароҳам омадаанд. Дар таркиби ин се девони машҳур асосан ғазал (1956 адад), қасида (53 адад), 137 қитъа ва 274 рубоӣ ҷой дода шудаанд, ки намунаи аълои шеъри лирикии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар асри XV мебошанд. Хушбахтона ин се девони шоир аз ҷониби адабиётшинос ва матншиноси тоҷик, зиндаёд профессор Аълохон Афсаҳзод ба сифати матни илмӣ интиқодӣ дар Маскав ва Теҳрон ба табъ расидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл, хулоса, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқ, руйхати адабиёти истифодашуда ва маҷмуан аз 168 саҳифа таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима муҳаққиқ масъалаҳои назарии таҳқиқотро, хусусан мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро дуруст ба миён гузоштааст, ки таҳқиқи масъалаҳои шеъру шоирӣ, афкори адабии шоир, ҷойгоҳи қофияю радиф ва ҳунари шоирии Ҷомӣ дар таҳқиқоти донишмандон, то ҷои имкон арзишдоварӣ шудааст, вале масоили мушаххас ва вежагиҳои дигари назарӣ ва амалии ҷойгоҳи қофияю радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ба таҳқиқи вежа ниёз дорад, ба хусус, ки худи Ҷомӣ қофия ва радифро аз унсурҳои сохторӣ ва воҷибу мустаҳсани шеър ҳисобидааст. Бо дарки зарурати ин масъалаи муҳимми назарӣ ва амалӣ муҳаққиқ дар се боби диссертатсия мақсаду вазифаҳои таҳқиқро ба таври мушаххас ба пажуҳиш гирифтааст, ки моҳияти ҳунарии назариёти адабии Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофияю радиф дар ғазалиёти ӯ ба таври назарӣ ва

амалӣ нишон дода шавад. Дигар, масъалаҳои мавриди назари диссертант таҳқиқи мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ, тарзи корбурди унсурҳои қофиясоз, радиф ҳамчун маҷмуи сохтории шаклию мундриҷавӣ ва зебоишинохтӣ, суннатгарой ва тозакориҳои шоир ва муайян кардани нақши мусиқавӣ ва зебошинохтии радифу қофия ва нишон додани маҳорати ин шоири бузург дар истифодаи бамавриди қофияю радиф, ки ҳусни шеъри шоирро афзудааст, ифода мегардад.

Боби аввали диссертатсия «Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър» унвон дорад, ки аз ду фасл иборат аст. Фасли аввал «Андешаҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи қофия ва радиф» ном дорад ва диссертант дар ин фасл асосан андешаҳои Ҷомиро оид ба назариёти адабии ӯ ва қофияю радиф «дар заминаи осори манзумаш ва баъдан «Рисолаи қофия»-аш таҳлил ва арзёбӣ» кардааст (Диссертатсия саҳ. 16). Диссертант дар фасли аввал масъалаҳои назарӣ ва амалии истифодаи қофияю радифро дар эҷодиёти Ҷомӣ дар мисоли таҳқиқоти донишмандони классикӣ, аз ҷумла Муҳаммад ибни Умар ар-Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шамси Қайси Розӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва донишмандони муосир Алиасғари Ҳикмат, Ҳошими Разӣ, Н. Сайфиев, Х. Шарифов, Р. Ҳодизода, Ш. Ҳусейнзода, А. Афсаҳзод, А. Зуҳуриддинов, А. Сатторзода, Абдулҳусайни Зарринкӯб ба пажӯҳиши муқоисавӣ гирифта, ба натиҷа мерасад, ки: «Он чи Абдурраҳмони Ҷомӣ дар шеъраш дар бораи қофияю радиф гуфтааст, ифодагари зовияи таваҷҷуҳ ва назари зебошиносии ӯ дар бораи нақши қофияю радиф ва мизони аҳаммияти онҳо дар сохтори шеъри форсии тоҷикист. Ҷомӣ дар шеъраш бештар мутаваҷҷеҳи ҳамоҳангӣ, тавозун ва мушобиҳати савтии қофия ва радиф буда, онҳоро василаи ангезандаи хаёли шоирона донистааст» (Диссертатсия саҳ. 23).

Фасли дувуми боби аввал «Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аҳаммияти назарӣ ва амалии он» унвонгузорӣ шудааст ва муҳаққиқ дар ин фасл моҳияти назарӣ ва амалии «Рисолаи қофия»-и Ҷомиро таҳқиқ намуда, андешаҳои Ҷомиро ба Шамси Қайси Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ ба муқоиса гирифта, таъкид мекунад, ки: «Рисолаи Ҷомӣ ҳадафи таълимӣ доштааст ва оид ба қофия маълумоти муҷазро ироа кардааст» (Диссертатсия саҳ. 24). Дар давоми андешаҳои худ муҳаққиқ аҳаммияти «Рисолаи қофия»-и Ҷомиро бо овардани мисолҳои зиёд оид ба мавқеи қофия ва радиф дар ин асар ва бартарии андешаҳои Шамси Қайси Розиро оид ба радиф аз андешаҳои Ҷомӣ нишон додааст. Ва дар давоми андешаҳои худ назари Баҳром Сирусро, ки баъзе қисмати андешаҳои Шамси Қайси Розиро куҳнашуда мегӯяд, ботил меҳисобад, ки

он ба тағйири алифбо пайванд дорад. Дар ҷамъбасти андешаҳояш дар ҳамин фасл муҳаққиқ мақоми «Рисолаи қофия»-и Ҷомиро дар густариши илми адабиётшиносӣ барҷаста меҳисобад.

Боби дувуми диссертатсия «Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» унвонгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Фасли якум «Хусусиятҳои хосси қофияандешии Абдурраҳмони Ҷомӣ» ном дорад, ки дар ин фасл муҳаққиқ асосан масъалаи истифодаи бамавриди қофияро дар ғазалиёти Ҷомӣ ба пажуҳиш гирифтааст. Аз андешаи муаллиф бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ аз он шоирони муваффақ ва мубтакир аст, ки ин унсури калидии шеърро дар ғазалиёташ донистаю тавониста ва ба ваҷҳи аҳсант истифода бурдааст. Муаллиф барои исботи андешаҳояш мисолҳои зиёд оварда, таҳлил кардааст ва оид ба нақши қофия дар таҷрибаи Ҷомӣ, хусусан ғазалҳояш таъкид мекунад, ки: «Қофия дар таҷрибаи эҷодии ӯ, пеш аз ҳама, ҳадафҳои ғоявию мундариҷавӣ, ҳиссию равонӣ, ваҳдати сохторӣ ва шаклсозӣ дошта, андешаҳои шоирро низом бахшидааст. Қофия дар тарзи нигориши Ҷомӣ барои баёни мазмун ва ғояи дилхоҳ ҳамеша мусоидат намудааст» (Дис., саҳ. 49). Ва: «тарзи қофияандешии Ҷомӣ ба баёни маонӣ монеъ нашуда, балки ба ваҷду ҳол ва ҷӯшу илтиҳоби табиии шоир «ҷазабот ва ғалаботи» ғазалҳояшро ба василаи интихоби саҳеҳ ва корбурди ҳунармандона таъмин кардааст» (Диссертатсия саҳ. 61).

Фасли дувуми боби дуюм «Сохти қофия ва унсурҳои шаклсози он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» номида шудааст ва ин ҷо масъалаи сохт ва унсурҳои қофия дар ғазалҳои Ҷомӣ ба пажуҳиш гирифта шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ сохт ва унсурҳои қофия дар ғазалиёти шоир анъанавӣ буда, тобеи низоми назарии забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ мебошад ва қофия ғайр аз нақши сохторӣ (композитсионӣ), инчунин воситаи муҳимми эҷоди ҳамгун сохтани ҷузъҳои шеър, барҷастагии маонӣ, ваҳдати байт ва банд, таносуб ва маъниофаринӣ ва ёрӣ дар ҳифзи шеър мебошад. Ва дар ин фасл муҳаққиқ сохтҳои зиёди қофиясозро аз ғазалҳо барчида, муқоиса карда, дар ҷадвалҳо равшан нишон додааст.

Фасли севуми боби дуюм «Танаввуъи қофияи бадеӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» унвонгузорӣ шудааст. Қофияи бадеӣ маҳсули санъатҳои бадеист, ки дер боз дар ашъори шуарои гузашта истифода гардида, танаввуъ ёфта, ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳатто ба кор бурдани ин навъи қофия дар шеъри маснуъ аз аҳаммият ва намоиши ҳунар бархурдор шудааст. Кадом навъи саноеи бадеӣ бо қофия омезиш ёфта, дар ҷои қофия қарор гирифтанаш ба ҳунари шоир вобаста

мебошад. Аммо маъмултарин санъатҳои бадеӣ, ки дар офаридани қофияи бадеӣ сабаб мешаванд, санъати таҷнис, зуқофиятайн, тарсеъ, тасниқуссифот ва монанди инҳо мебошанд, ки дар рисола шарҳи худро ёфтаанд.

Боби севуми диссертатсияи унвонҷӯ Назар Бохруло «Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ном дошта, аз ду фасл ва панҷ зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб асосан масъалаи радиф ҳамчун унсури муҳимми шаклсоз ва маъниофар ки хосси шеъри форсии тоҷикист, ба пажуҳиш кашида шудааст. Тавре маълум аст, радиф дар шеър бар тақвияти қофия меояд ва таносуби комилро дар шеър ба вуҷуд меорад, зебоӣ ва моҳияти суханро маъно мебахшад. Муҳаққиқ мавқеъ ва ҷойи радифро дар ғазалҳои Ҷомӣ ба таҳқиқ гирифта, онҳоро ба Назари донишмандон роҷеъ ба хостгоҳи радиф, Сохту таркиб ва ташаккулу таҳаввули радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Анвои радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои феълӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифхои маъмулӣ ва ғайриодӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Вижагиҳои бадеию ҳунарии радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ҷудо кардааст ва ба ин намунаҳо мисолҳои зиёд оварда, ба натиҷае расидааст, ки “радиф дар корбурди Ҷомӣ, бахусус дар ғазалиёти ӯ калимаест, ки пеш аз қофия омада, аксаран дорои як маънӣ мебошад ва гоҳ-гоҳе ҷузве аз лафзе дигар ба шумор омада, дар бофти калом маънои маҷозӣ, истиорӣ ва киноии тоза ба вуҷуд меоварад, ки гувоҳи тавонмандӣ ва ҳунарписандии шоири бузург мебошад. Ҷомӣ дар таҷрибаи шоирияш дар корбурди радиф ҳамеша эътидолро риоят ва радифро бо ҳадаф истифода кардааст ва ба ин васила ҳам таносуби сохтории ғазалро такмил бахшидааст, ҳам ҳунари худро намуда ва таъсири ғазалашро бештар кардааст” (Дис., с. 141-142).

Диссертант ҳангоми муайян намудани сохтори радиф дар ғазалиёти Ҷомӣ таъкид мекунад, ки радиф дар сохти офариниши Ҷомӣ накши савтиву мусиқоӣ ва имтиёзи махсус дорад. Ҳамчунин маҳорати истифодабарии радифро аз ҷониби шоир, ки тавонистааст “робитаи низоми овоии калимаҳоро таъмин ва ҳамнавоии мутаносибро миёни унсурҳои сохтории ғазал барқарор кунад ва такмил бахшад” (Дис. с 133) мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Диссертатсияи номзадии Назар Бохруло ба яке аз масъалаҳои актуалии адабиётшиносӣ бахшида шуда, гузориши масъалахо,

муҳокимарониҳо ва баҳсҳои илмӣ бо муҳаққиқон бо услуби дурусти рисоланависӣ сурат гирифтаанд. Баъди ҳар масъалагузорӣ муҳаққиқ барои ҳалли он кӯшида, муваффақияти назаррас ба даст овардааст.

Дар қатори муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо дар диссертатсия ба назар расиданд, ки ба эътибор гирифтани онҳо аз ҷониби диссертант мувофиқи мақсад хоҳад буд:

1. Дар саҳифаи 106 дар байти охири иқтибоси аввал калимаи "хамӯш" омадааст, ки агар онро "хамуш" хонем вазни шеър дуруст мешавад, яъне "Чу мурғони хазондида хамуш буд Ҷомӣ" на "хамӯш" буд.
2. Ҳангоми таҳлили қофия ва радиф таърифҳои гуногуни донишмандон оварда шудаанд, ки ба масъалаи мадди назар бештар равшанӣ андозанд ҳам чандон зарурат надоранд.
3. Аксари ғазалҳои Ҷомӣ пурра оварда шудаанд, ки овардани ду-се байт кифоя аст.
4. Дар баъзе ҷойҳо байте ё ғазале (с. 69 – с.75), (77 – с. 107) такрор омада, ки ба назари мо бо мисолҳои тоза иваз мешуд, бар сифати кор буд.
5. Дар баъзе саҳифаҳои дисертатсия аз се то чаҳор иқтибос оварда шудааст, ки зиёд аст.
6. Дар рӯйхати адабиёт (саҳ. 152) зери рақами нуҳ "Ҷомӣ, Абдурраҳмон, Девони комили Ҷомӣ" омадаасту дигар осори Мавлоно Ҷомӣ аз рақами 28 (саҳ. 54) мувофиқи алифбои тоҷикӣ шуруъ мешаванд. Аз ин рӯ, хуб мешуд китоби рақами нуҳи Мавлоно Ҷомӣ ба китоби дигар асарҳои мавсуф аз рӯи алифбо кӯчонида мешуд.
7. Дар баробари ин дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба мушоҳида мерасанд, монанди ноҷо гузоштани аломатҳои китобӣ дар саҳифаҳои 39, 43, 51,92, 84; дар овардани иқтибос аз матнҳои манзум баъзан баъди ду нукта ва овардани шеър фосила гузоштану баъзан не дар саҳифаҳои 53, 59, 83, 92, 106, 111; афтодани ҳарф дар саҳифаи 37 ва ғайра, ки ислоҳи онҳо арзиши кори анҷомдодаи диссертантро боз ҳам боло мебарад.

Албатта қайду эродҳои зикргардида ҳаргиз ба арзишу аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд ва аксаран онҳо ба ҳукми пешниҳод манзур гардидаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Назар Бохруло ба яке аз мавзуоти арзишманди адабиётшиносӣ ихтисос ёфта, тамоми масъалаҳои дар меҳвари таҳқиқот гузошташуда ҳангоми таълифи он ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ тахия гардидаанд, пурра мувофиқат намуда, мундариҷаи

корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи диссертант комилан ифода менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Номзади илми филология, мудири
шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики
Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зиёев С. Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: + 992 919-81-02-12.
E-mail: rakesh-23@mail.ru
«15» апрели соли 2023

Имзои Н.С. Зиёев-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти омӯзиши
масъалаҳоидавлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зуҳуров А.Я.

ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПОИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * THE INSTITUTE OF STUDYING THE PROBLEMS OF THE ASIA AND EUROPE OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: + 992 809-05-05-92.
E-mail: osiyoavrupo@mail.ru
«15» апрели соли 2023